Замимаи 2
Бо фармоиши раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «08» 05 соли 2020
№75 тасдиқ гардидааст

## Дастурамали
## мансабии сармутахассиси бахши экспертизаи забоншиносии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

### I. Муқаррароти умумӣ

1. Номи мансаб – сармутахассиси бахши экспертизаи забоншиносии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба категорияи панҷум мансуб аст.

3. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба мудири бахши экспертизаи забоншиносии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – мудири бахш) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

4. Сармутахассиси бахши экспертизаи забоншиносии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – сармутахассис) аз тарафи раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – раиси Кумита) бо риояи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва озод карда мешавад.

5. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани сармутахассиси бахш иҷрои уҳдадории мансабии ӯро мутахассиси пешбари бахш ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани мутахассиси пешбар иҷрои уҳдадории ӯро сармутахассиси бахш иҷро менамояд.

6. Сармутахассиси бахш бо кормандони вазорату идораҳо ва дигар муассисаҳои дахлдори соҳа ҳамкорӣ менамояд.

### II. Талаботи тахассусӣ

7. Барои мансаби сармутахассиси бахш талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

- донистани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Кодекси

одоби хизмати давлатӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии сармутахассиси соҳаи ташкилиро ба танзим медароранд;

- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ;

- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- малакаи кор бо компютер.

8. Сармутахассис бояд ба талаботи махсус ҷавобгӯ бошад:

- дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизмати давлатӣ (меҳнат) ва соҳаи илмҳои гуманитарӣ.

## III. Уҳдадориҳои мансабии сармутахассис

9. Меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастури фаъолияти худ қарор дода, ҳолатҳои бархӯрди манфиатҳоро ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ истисно менамояд.

10. Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, ҷавоб омода менамояд.

11. Лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти бахш дахлдоштаро таҳия менамояд.

12. Сабти ҳуҷҷатҳои вурудӣ, судурӣ ва нигоҳдории онҳоро дар пушаҳои асноди (папкаҳои) муқарраргардида иҷро менамояд ва аз натиҷаи он ба мудири бахш ва ё роҳбарият ҳисобот манзур менамояд.

13. Бо супориши раиси Кумита ва муовини раиси Кумита дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои кории Кумита, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои мақоми давлатӣ иштирок намуда, ба роҳбарияти мақоми давлатӣ гузориш/ҳисобот пешниҳод менамояд.

14. Оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ ба мудири бахш дар мӯҳлатҳои муқарраргардида ҳисобот пешниҳод менамояд.

15. Ҳифзи моликияти давлатиро таъмин менамояд.

16. Сатҳи касбӣ ва тахассусии худро барои иҷрои самараноки уҳдадориҳои мансабӣ баланд мебардорад.

17. Дар гирдоварӣ, сабту танзими маводи марбут ба экспертизаи забоншиносӣ саҳм мегузорад.

18. Оид ба ҳамаи масъалаҳое, ки ба мавзӯъ ва методологияи экспертизаи забоншиносӣ дахл доранд, озодона андеша баён менамояд.

19. Дар таҳқиқ, таҳлил ва арзёбии маводи экспертизаи забоншиносӣ дар ҳамаи марҳилаҳо (ба истиснои маводи дорои сирри давлатӣ дошта) иштирок менамояд.

20. Ба фарҳангҳои ба бахш воридшуда хулоса пешниҳод менамояд.

21. Фаъолияти гурӯҳи Шӯрои коршиносонро роҳандозӣ менамояд.

22. Картатейкаи истилоҳоти гирдовардашударо таҳия менамояд.

23. Дар санҷиши иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ иштирок намуда, ба раиси Кумита гузориш пешниҳод менамояд.

24. Лоиҳаи тавсияҳои методии татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ва фаъолияти бахшро мустақилона ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандони Кумита таҳия менамояд.

25. Дигар супоришҳои роҳбарияти мақоми давлатиро вобаста ба таъмини вазифаҳои Кумита ба иҷро мерасонад.

## IV. Ҳуқуқи сармутахассис

26. Сармутахассис дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад:

- аз мақомоти дахлдор маълумот ва маводи барои иҷрои босифат ва саривақтии уҳдадориҳои мансабӣ зарурӣро бо тартиби муқаррааргардида талаб карда гирад;
- дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба уҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта иштирок намояд;
- маводи дар ихтиёри бахш ва Кумита қарордоштаро омӯзад;
- ба роҳбарияти мақомот дар доираи уҳдадориҳои мансабӣ ҷиҳати таҳкими фаъолияти бахш таклиф пешниҳод намояд.

27. Сармутахассис дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## V. Масъулияти сармутахассис

28. Сармутахассис барои иҷрои чунин корҳо масъул мебошад:

- барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ;
- барои риоя накардани маҳдудиятҳое, ки қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» муқаррар намудаанд;
- барои риоя накардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ;
- барои пешниҳод накардани эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволи хизматчии давлатӣ дар мухлатҳои мукараргардида;
- барои ошкор намудани сирри давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;
- барои истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани воситаҳои алоқа, электронӣ ва дигар моликияти давлатӣ, ки барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобаста карда шудаанд.

29. Сармутахассис барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

## VI. Муқаррароти хотимавӣ

30. Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта мешавад ва нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба сармутахассис бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани таърихи рӯз дар китоби бақайдгирии Дастурамалҳои мансабӣ супурда мешавад.

31. Ҳангоми таҷдиди бахш ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали сармутахассис мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав тасдиқ карда мешавад.